*УДК 332*
*DOI 10.24412/2411-1945-2023-3-99-106*

**МЕЪЁРҲОИ АРЗЁБИИ САМАРАБАХШИИ ШАКЛҲОИ АМАЛӢ ГАРДОНИДАНИ СИЁСАТИ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚА**

***Орипова Назокатхон Муминовна,*** *омӯзгори кафедраи молия ва қарзи ДИС ДДТТ дар ш.Хуҷанд (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

**КРИТЕРИИ ОЦЕНКИ ЭФФЕКТИВНОСТИ ФОРМ РЕАЛИЗАЦИИ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ПОЛИТИКИ РЕГИОНА**

***Орипова Назокатхон Муминовна,*** *преподаватель кафедры финансов и кредита ИЭТ ТГУК в г. Худжанде (Худжанд, Таджикистан)*

**CRITERIA AIMED AT EFFECTIVENESS OF FORMS ASSESSMENT OF ECONOMIC POLICY IMPLEMENTATION IN THE REGION**

***Oripova Nazokatkhon Muminovna,*** *teacher of higher mathematics and innovative technologies department of the IET TSUC Khujand (Khujand, Tajikistan)* ***e-mail:*** *nazokathon-1990@mail.ru*

*Мафҳумҳои “самарабахшии амалӣ гардонидани сиёсати минтақавии рушди иқтисодӣ”, “самарабахшӣ” ва “натиҷабахшӣ” мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Методикаи арзёбии самарабахшии механизми танзими равандҳои рушди иқтисодии минтақа муайян карда шудааст. Гурӯҳбандии нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа, ки дар илми иқтисод истифода мешаванд, сурат гирифтааст. Марҳилаҳои алгоритми арзёбии самарабахшии фаъолияти механизми таҳия ва амалигардонии сиёсати рушди иқтисодии минтақа муайян карда, нишондиҳандаҳои арзёбӣ ба блокҳо ҷудо карда шудаанд. Зикр гардидааст, ки андозагирии самарабахшии сиёсати минтақавӣ мумкин аст, тавассути натиҷаи амалҳои самтҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, таърихӣ-фарҳангӣ ва ҷамъиятӣ муайян карда шавад.*

***Калидвожаҳо:*** *сиёсати минтақавӣ, рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа, меъёрҳои арзёбии самарабахшӣ, натиҷабахшӣ, алгоритми арзёбии самарабахшӣ, андозагирии самарабахшии сиёсати минтақавӣ, блокҳо, низоми нишондиҳандаҳо*

*Анализируются понятия “эффективность релизации региональной политики экономического развития”, “эффективность” и “результативность”. Определена методика оценки эффективности механизма регулирования экономического развития региона. Осуществлено группирование показателей социально-экономического развития, используемых в экономической науке. Определены этапы реализации алгоритма оценки эффективности механизма разработки и реализации политики регионального экономического развития. Показатели оценки разделены на блоки. Отмечается, что измерение эффективности региональной политики может определяться результатами действия экономического, политического, историко-культурного и общественного направлений развития.*

***Ключевые слова:*** *региональная политика, социально-экономическое развитие региона, критерии оценки эффективности, результативность, алгоритм оценки эффективности, измерение эффективности региональной политики, блоки, система показателей*

*The article dwells on the notions of “effectiveness of implementation of regional economic development policy”, “effectiveness” and “efficiency”. The author of the article determines the method of the effectiveness assessment of the mechanism aimed at the regulation of the economic development of the region. A grouping of indicators of socio-economic development used in economic*

*science was carried out. In the article the author reveals the stages of implementation of the algorithm for assessing the effectiveness of the mechanism beset with the development and implementation of a policy for economic development of the region. Evaluation indicators are divided into blocks. It is underscored that measuring the effectiveness of regional policy can be determined by the results of economic, political, historical, cultural and social directions of development.*

***Key-words:*** *regional policy, socio-economic development of region, criteria for assessing effectiveness, effectiveness, algorithm for assessing effectiveness, measuring effectiveness of regional policy, blocks, system of indicators*

Дар марҳилаи муосири рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли масъалаҳои иқтисодии минтақавӣ беш аз пеш мубрамият пайдо мекунад. Ҳар як минтақа дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Суғд дар таъмини саноатикунонӣ, инкишофи истеҳсолоти инноватсионӣ, таъмини сатҳи матлуби иштиғол, барқарор намудани болоравии иқтисодиёт нақши муҳим мебозад. Айни замон дар сатҳи минтақаҳо масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва таъмини сатҳи сазовори ҳаёти аҳолӣ хеле тезу тунд мебошад.

Амалӣ гардонидани тадбирҳо дар доираи сиёсати минтақавии рушди иқтисодӣ аз мақомоти идоракуни давлатӣ ташкил кардану гирифтани иттилооти мунтазамро дар бораи алоқаи акс бо субъектҳои хоҷагии минтақавӣ талаб мекунад. Иттилооти мазкур дар шакли арзёбии самарабахшии амалигардонии сиёсати минтақавӣ пешниҳод мегардад. Зимнан натиҷае, ки аз амалигардонӣ ба даст меояд, дар навбати аввал аз мақсадҳои дар назди сиёсати минтақавӣ гузошта ва ҳалли вазифаҳо вобаста мебошад.

Мафҳуми “самарабахшии амалӣ гардонидани сиёсати минтақавии рушди иқтисодӣ”-ро аз рӯи анъана чун дараҷаи ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда мефаҳманд, ки дар беҳтар намудани мушаххасоти иҷтимоӣ-иқтисодии рушди минтақа ифода меёбад. Ба ҳам наздик будани маънои мафҳумҳои “самарабахшӣ” ва “натиҷабахшӣ”-ро дар мадди назар доштан лозим аст, зеро “натиҷабахшӣ” чун қисми таркибии самарабахшӣ баррасӣ мешавад. Ба маънои васеъ таҳти мафҳуми самарабахшии амалигардонии сиёсати минтақавии рушди иқтисодӣ категорияи маҷмуиро мефаҳманд, ки аз як тараф, чун вазъияти иқтисодӣ маънидод мегардад, ки ҳангоми он таносуби муайяни натиҷаҳои фаъолият ва хароҷоти ноил гардидан ба ин натиҷаҳо боиси бо истифодаи захираҳои арзишашон муайян ё истеҳсоли моли арзишаш муайян бо ҳадди ақалли харҷи захираҳо натиҷаҳои ҳадди аксарро ба даст овардани субъект мегардад. Ба ибораи дигар, фаҳмиши аз ҳама васеи самарабахшии идоракунӣ ба арзёбии самарабахшии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва техникӣ имконият медиҳад [1, с.58].

Моҳияти самарабахшии идоракуниро назарияи классикии идоракунии давлатӣ дар қаринаи тақсимоти дақиқи мақсаду вазифаҳо ва методҳои амалияи маъмурикунонӣ ва ба вуҷуд овардани сохтори оқилонаи идоракунӣ, илман асосноккунии принсипҳои фаъолияти ҳокимият, ки аз ҳисоби интизом, масъулият ва босуботӣ таъмин мегардад, кушода додааст.

Дар оғози қарни XX ғояҳои А.Файол, Г.Форд, Г.Эмерсон (мактаби менеҷменти илмӣ) паҳн гардиданд. Онҳо ҷонибдори ақидае буданд, ки самарабахшии идоракунӣ тавассути сарфаи вақт ва захираҳо ба даст меояд. Самарабахшии идоракуниро баррасӣ намуда, онҳо ҷанбаи иҷтимоии фаъолияти ҳаётии инсонро дар мадди аввал мегузоштанд ва, мутаносибан, самарабахшии идоракуниро бо амали омилҳои иҷтимоӣ-психологӣ алоқаманд мекарданд.Масалан, ыаноатмандииаз хусусият ва сифати меьнат, тарзи идоракунӣ, муносибатҳои мутақобилаи ғайрирасмӣ дар ҷомеа ва щайра.

Дар даҳсолаҳои охир дар ҷаҳон ду консепсияи идоракунии давлатӣ ташаккул ёфтааст: New Public Management (“идоракунии давлатии нав”) ва Good Governance (“идоракунии хуб”) [2].

Муайян кардани принсипҳои механизми арзёбии самарабахши ҷузъи сохтори

муҳимми он ба шумор меравад. Таҳти мафҳуми принсипҳо низоми талабот ё маҳдудиятҳои умумиро дар тадқиқи арзёбии самарабахшии амалкарди механизми танзими равандҳои рушди иқтисодии минтақа фаҳмидан лозим аст, ки ба онҳо бояд мансуб дониста шаванд: мантиқӣ будан, объективӣ будан, саривақтӣ будан, мутаносибӣ, мақсаднокӣ, алоқаи мутақобила, башардӯстӣ ва муайнӣ.

Ҳангоми муайян кардани методикаи арзёбии самарабахшии механизми танзими равандҳои рушди иқтисодии минтақа мавқеъҳои зеринро дар мадди назар доштан лозим аст:

- амалкарди механизми мазкур мониторингро пешбинӣ мекунад, ки дар асоси он ҷамъоварӣ, таҳлил ва истифодаи низомманд ва доимии иттилоот дар бораи фаъолияти он барои тасҳеҳи унсурҳо амалӣ гардонида мешавад;

- методҳо, олот ва тадбирҳо ба мақсади қабули қарорҳои самарабахши идоракунӣ, ки дар навбати худ, минбаъд нишондиҳандаҳои беҳтарини самарабахшии амалкарди механизми танзими равандҳои рушди иқтисодии минтақаро нисбат ба пештара таъмин мекунанд;

- ғайр аз мониторинг, ҳамчунин марҳила ба марҳила арзёбӣ кардани механизми худи танзими давлатии равандҳои рушди иқтисодии минтақа низ зарур аст, ки муайян кардани бамавридӣ ва риояи мақсадҳои стратегӣ, пайгирии самарабахшӣ ва натиҷабахшӣ, таъсир ва доимиятро дар амалкарди он дар равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодии рушди минтақа пешбинӣ мекунад.Арзёбӣ бояд иттилооти эътимодбахш ва судоварро таъмин кунад ва имконияти истифодаи таҷрибаи андӯхтаро дар раванди қабули қарорҳои самарабахши идоракунӣ пешниҳод намояд.

Рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар сатҳи минтақавӣ дар моделҳои иқтисодии муосир ба таври мухталиф идентификатсия карда мешавад ва вобаста аз мақсадҳо метавонад ҳам бо нишондиҳандаҳои сершумор ва ҳам бо як нишондиҳанда андозагирӣ шавад. Ба раванди андозагирии нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои мамлакат хусусиятҳои сохтори маъмурӣ-ҳудудии онҳо илова мешавад, ки ҳам ҳаҷми ваколатҳои минтақа ва ҳам хусусияту ҳаҷмҳои соҳавии онҳоро, ки ҳангоми таҳлил ба ҳисоб гирифтан лозим аст, муайян мекунанд. Маҷмуи нишодиҳандаҳои рушди минтақавӣ дар низоми миллии мониторингӣ ҷойгир карда мешавад ва бояд барои гузаронидани таҳлили хушсифат ва муқоисаи байналхалқӣ ё байни минтаыавц қобили истифода бошанд [3, с.12].

Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, ки бо шумораи аҳолӣ муқоисапазир аст, яке аз нишондиҳандаҳои универсалии сифати рушди минтақавӣ мебошад. Суммаи ё ҳосили ҷамъи маҷмуи маҳсулоти минтақавии ҳамаи минтақаҳои мамлакат ММД-и мамлакатро ташкил мекунад. Аз он ҷузъҳои таркибие тарҳ карда мешаванд, ки истеҳсолашон дар минтақаҳо тақсим намешавад, вале онҳо ба таркиби ММД дохил мешаванд. Масалан, идоракунии давлатӣ ё мудофиа. Ҳисоби пурраи чунин нишондиҳанда на дар ҳамаи мамлакатҳо гузаронида мешавад, зеро баъзе мамлакатҳо нишондиҳандаҳои миёнаро ҳисобу китоб мекунанд.

Ҳамаи нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа, ки аксаран муҳаққиқон истифода мебаранд, ба гурӯҳҳои зерин тақсим карда мешаванд: нишондиҳандаҳои мутлақи оморӣ; маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ; арзиши иловаи маҷмуӣ; сатҳи миёнаи даромад (музди меҳнат), сатҳи бекорӣ, ҳаҷми сармоягузории хориҷии мустақим; сатҳ ва салдои муҳоҷирати дохилӣ ва беруна [4, с.68].

Нишондиҳандаҳои рушди инфрасохтори минтақавӣ аҳаммияти муҳим доранд. Масалан, мушаххасоти нисбӣ бо шумораи аҳолӣ ва одамони машғули кор қиёс шудаанд, ҳамчунин мушаххасоти мутавозинии ҳудудӣ-соҳавӣ, ки бо зарфияти минтақавии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ зич алоыаманд мебошанд. Нишондиҳандаҳои арзёбии синтетикӣ: асимметрияи минтақавӣ, коэффисиенти Ҷини, инҳирофи миёнаи хаттӣ, инҳирофи миёнаи квадратӣ, коэффисиенти асимметрият, коэффисиенти вариатсия [5, с.118].

Зарурати гузаронидани сиёсати минтақавӣ интихоби индикаторҳои арзёбии нобаробарии рушди минтақа ва, мутаносибан, меъёри интихоби сиёсати минтақавиро пешбинӣ мекунад. Дар сатҳи мамлакат намудҳои индикаторҳоеро, ки барои андозагирии дараҷаи баробарсозии рушди минтақа истифода мешаванд, ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: индикаторҳои физикӣ (ба шароити географӣ ё табиӣ алоқамананд); индикаторҳои нобаробарии иқтисодӣ; нишондиҳандаҳое, ки нобаробарии иҷтимоӣ, аниқтараш фарқи сифати ҳаёт ва сатҳи даромадро андоза мегиранд.

Пойгоҳи индикативии мониторинги рушди минтақавӣ доираи васеи нишондиҳандаҳоро дар бар мегирад. Барои арзёбии самарабахшии сиёсати минтақавӣ дар шароити муосир нишондиҳандаҳои муайяни собит заруранд, ки хусусияти стратегӣ доранд ва ба ҳайси меъёрҳои самарабахшии амалӣ гардонидани сиёсати минтақавӣ хизмат мекунанд. Ба чунин меъёрҳо алҳол ҳосилнокӣ, навгонипазирӣ, рақобатпазирӣ, сатҳи ҳаёти аҳолиро мансуб медонанд. Зимнан низоми дақиқи мониторинги меъёрҳои асосии миқдории амалигардонии ин стратегия муқаррар карда мешавад.

Ҳосилнокиро чун нишондиҳандаи муайяни натиҷабахш ба ҳисоби як воҳиди захираҳои (кор ё сармоя) гузошта шуда муайян кардан мумкин аст. Маъмулан, ҳаҷми бароriши маҳсулот /хизмат ё даромадро ба нишондиҳандаҳои иқтисодии натиҷабахш мансуб донистан мумкин аст. Нишондиҳандаҳои ҳосилнокиро дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ ё дар буриши намудҳои фаъолияти иқтисодӣ ва минтақа таҳлил мекунанд, ки ба арзёбии тамоюли динамикаи сатҳи музди меҳнат ва мукаммалсозии технологӣ имкон медиҳад. Афзоиши ҳосилнокӣ барои иқтисодиёти минтақа ҳаётан муҳим мебошад, зеро он ба ноил гардидан ба сатҳи нисбатан баланди рушд бо сатҳи камтари хароҷот имконият медиҳад. Инкишофи технологияҳо (воситаҳои компютерӣ, Интернет-технологияҳо), такмили логистика ва низомҳои таҳвил, баланд бардоштани сатҳи тахассусмандии аҳолӣ ва ғайра омилҳои баланд бардоштани ҳосилнокӣ ба ҳисоб мераванд.

Навгонипазирӣ (инноватсионият) – қобилияти идентификатсия кардани имкониятҳои нави бозорӣ, тавлид ё генератсия намудани ғояҳои нав ва коммерсиализатсия кардани онҳо аз ҳисоби иқтидор ва захираҳои мавҷуда мебошад. Иқтидори инноватсионии минтақаро аз бисёр ҷиҳат вазъи муҳити микроиқтисодии он муайн мекунад, ки параматерҳои калидии он вазни қиёсии олимону муҳандисон дар ҳайъати нерӯи корӣ, сатҳи ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва рушди кластерҳо ба ҳисоб мераванд.

Рақобатпазирӣ – қобилияти аз ҳисоби ҷалб кардану нигоҳ доштани компанияҳои дорои ҳиссаи собит ё афзуншаванда дар бозор сатҳи ҳаёти доимо зиёдшавандаро нигоҳ дошта тавонистани иқтисодиёти минтақа аст. Ҳамин тариқ, рақобатпазирии минтақа аз қобилияти пешбинӣ кардану бомуваффақият ба масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии дохилӣ ва беруна мутобиқ шуда тавонистани минтақа бо роҳи ба вуҷуд овардани имкониятҳои нави иқтисодӣ, аз ҷумла ҷойҳои кории нисбатан хушсифат вобаста аст.

Муносибатҳои сершуморро бо арзёбӣ аз рӯи меъёрҳои зерин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

- аз рӯи мансубияти функсионалии вилоят;
- аз рӯи объектҳо (сиёсат, барномаҳо, лоиҳаҳо);
- аз рӯи методҳои мавриди истифода;
- аз рӯи предмети арзёбӣ;
- аз рӯи сатҳҳои гузаронидани сиёсат (маҳаллӣ, минтақавӣ, умумидавлатӣ);
- аз рӯи марҳилаҳои амалигардонии сиёсат (арзёбии гузашта, арзёбии ҷорӣ, арзёбии ҷамъбастӣ);
- аз рӯи субъектҳои арзёбии беруна (аз тарафи ташкилотҳои беруна) ва дохилӣ ё хударзёбии худи субъект.

Зимнан арзёбии берунаро гурӯҳҳои коршиносон ва ташкилотҳои хусусии мустақил

амалӣ гардонида метавонанд. Арзёбии дохилиро бошад бевосита мақомоти давлатии ташаккулидҳанда ва татбиққунандаи сиёсати минтақавӣ иҷро мекунанд. Таҷрибаи амалигардонии мониторинг ва арзёбии сиёсати давлатӣ ҳамчунин марҳила ба марҳила гузаронидани тадбирҳоро оид ба арзёбӣ пешниҳод мекунад: пешакӣ (барои муайян кардани шароитҳо дар оғози кор, интихоби вариантҳои сиёсати давлатӣ, пешгӯии натиҷаҳои имконпазир ва самараи таъсири он); мобайнӣ (барои муайян кардани натиҷаҳои мобайнии ба даст омада, интихоби механизмҳои мувофиқи амалигардонии чорабиниҳо, тасҳеҳи таъсирот); ҷамъбастӣ (баъди ба охир расидани давраи барномавии амалигардонии сиёсат, тадбирҳо ва ғайра).

Дар адабиёти илмӣ методҳои зерини арзёбӣ аз ҳама бештар мавриди истифода қарор мегиранд:

- методи арзёбии интегралӣ бо истифодаи нишондиҳандаҳои оморӣ ва додаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ;
- методи муқоисаи нишондиҳандаи амалан ба даст омада бо нишондиҳандаи ба нақша гирифта;
- таҳлили “хароҷот-натиҷа” (таҳлили самарабахшии хароҷот);
- методҳои арзёбии субъективӣ (райъпурсии сотсиологӣ);
- методҳои арзёбии омилҳо ва таваккалҳо (хавфҳо).

Ҳадафи арзёбӣ натиҷаи фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти минтақа, оқибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии қабули қарорҳои идоракунӣ ва самарабахшии харҷи воситаҳои давлатӣ буда метавонанд. Имрӯз масъалаи набудани нуқтаи назари ягона ба ҷанбаҳои муҳтавоии категорияҳои “самарабахшӣ” ва “натиҷабахшӣ”-и сиёсат ба миён омадааст, ки боиси номуайянӣ ва мураккабии арзёбӣ мегардад.

Методикаҳои мухталифи арзёбии самарабахшии фаъолияти механизми таҳия ва амалигардонии сиёсати рушди иқтисодии минтақа мавҷуданд. Вобаста аз иттилооти ироадошта ҳамаи методикаҳои таҳияшударо ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: методикаҳое, ки ба арзёбии коршиносӣ такя мекунанд; методикаҳое, ки ба иттилооти оморӣ асос меёбанд; методикаҳое, ки ба ҳисобкуниҳои коршиносию оморӣ асос меёбанд.

Алгоритми арзёбии самарабахшии фаъолияти механизми таҳия ва амалигардонии сиёсати рушди иқтисодии минтақа аз марҳилаҳои зерин иборат аст:

1. Ташаккули мақсади арзёбӣ, зеро механизми мазкур бояд амалигардонии мақсадҳои стратегии рушди минтақа ва давлатро таъмин кунад. Бинобар ин маҷмуи меъёрҳои арзёбиро муайн кардан зарур аст.

2. Таҳияи меъёрҳои арзёбӣ. Ҳангоми муайян кардани арзёбии самарабахшии механизми таҳия ва амалигардонии сиёсати рушди иқтисодии минтақа меъёрҳоеро муайян кардан лозим аст, ки зуҳуроти мухталифи танзими давлатӣ, сатҳу сифати ин механизмро мувофиқан бо талаботу манфиатҳои минтақа тавсиф хоҳанд кард.

3. Интихоби нишодиҳандаҳо ва миқдори онҳо, ки дар асоси онҳо муайян кардани арзёбӣ амалӣ мегардад. Нишондиҳандаҳои мазкур самарабахшии фаъолияти механизми танзими равандҳо ва таъсири онро ба рушди иқтисодии минтақа тавсиф мекунанд.

Низоми нишондиҳандаҳои арзёбии самарабахшии механизми таҳия ва амалигардонии рушди иқтисодии минтақаро ба блокҳои зерин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

- нишондиҳандаҳои самарабахшии истифодаи захираҳои мавҷудаи минтақа;
- нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоӣ;
- нишондиҳандаҳои ҷаззобияти инвеститсионии минтақа;
- мушаххасоти рушди экологӣ.

Андозагирии самарабахшии сиёсати минтақавӣ мумкин аст тавассути натиҷаи амалҳои чунин самтҳои он, аз қабили иқтисодӣ, сиёсӣ, таърихӣ-фарҳангӣ, ҷамъиятӣ муайян карда шавад. Самти иқтисодӣ бо сатҳи ҷалби захираҳои инвеститсионӣ, технологияҳои навтарин, тавсеаи алоқаҳои иқтисодии берунӣ алоқаманд аст. Натиҷаҳои амали самти сиёсӣ бо афзоиши сатҳи таъмини мустақилияти бештари минтақа дар арсаи байналхалқӣ муайян карда мешавад. Самти таърихӣ-фарҳангӣ дар интишори дастовардҳои фарҳангӣ ва мероси таърихии минтақа зоҳир мегардад. Самти ҷамъиятӣ асоси фаъолгардонии иштироки

минтақа дар рушди иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад.

Муносибатҳои мазкур ба арзёбии самарабахшии сиёсати минтақавӣ як қатор авлавиятҳо доранд. Аз ҷумла:

- имконияти амалӣ гардонидани гурӯҳбандии нишондиҳандаҳо аз рӯи самтҳои асосии фаъолияти мақомоти ҳокимияти минтақавӣ, ки ба гузаронидани таҳлил тибқи самтҳои муайяни фаъолияти онҳо имконият медиҳад;
- имконияти дар асоси натиҷаҳои ба даст омада муқоиса кардани ҳудудҳои мухталиф;
- имконияти барои арзёбӣ ҷалб кардани индикаторҳои интегралӣ оид ба сатҳҳои алоҳидаи мавзуӣ.

Муносибатҳои методии мазкур аз як қатор норасоиҳо орӣ нестанд:

- иваз кардани меъёри самарабахшӣ бо меъёри натиҷабахшӣ;
- яктарафа будани арзёбӣ ҳангоми муайян кардани нишондиҳандаҳои интегралӣ оид ба самти муайяни сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва соҳаи таъсири идоракунӣ;
- миқдори зиёди нишондиҳандаҳои арзёбӣ.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, муносибатҳои методиро ба арзёбии самарабахшии сиёсати давлатии минтақавӣ низомбандӣ мекунем:

- натиҷабахшии амалигардонии мақсадҳои стратегӣ ва авлавиятҳои сиёсати давлатии минтақавӣ;
- самарабахшии олатҳои алоҳидаи СДМ;
- натиҷабахшии сиёсат дар самти ба даст овардани самараҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва самараҳои дигар (тибқи суръати афзоиши иқтисодӣ);
- натиҷабахшии фаъолияти мақомоти минтақавӣ ва маҳаллии ҳокимият, аз ҷумла бо роҳи арзёбии он аз ҷониби аҳли ҷомеа.

Ҳамин тариқ, ҳангоми арзёбии самарабахшии сиёсати минтақавӣ ба назар гирифтани ҳамаи хароҷоти зарурӣ, махсусан дар мавридҳое, ки онҳо аз манбаъҳои гуногун маблағгузорӣ мешаванд, имконнопазир мебошад; натиҷаҳои ба даст омада метавонанд хусусияти сифатӣ (самараи иҷтимоӣ) дошта бошанд. Бинобар ин дар шароити мураккабии андозагирии бевоситаи параматерҳои самарабахшии амалгардонии сиёсати минтақавӣ методикаи арзёбии онро дар асоси принсипҳои сермеъёрият (самарабахшӣ нишондиҳандаи синтетикӣ мебошад, ки бо як меъёр дар бар гирифта намешавад), омезиши таҳлили миқдорӣ ва сифатӣ, ҷалби нуқтаи назари коршиносӣ, такмили мунтазами низоми мониторингӣ ва арзёбӣ мутобиқан бо вазифаҳои гузоштаи сиёсати минтақавӣ, ҳамчунин маҳдудият ва релевантияти додаҳо ба роҳ гузоштан мувофиқи мақсад аст.

Барои аниқ кардани саҳм дар арзёбии умумии самарабахшии амалигардонии сиёсати минтақавии вилояти Суғд онро ба арзёбии идоракунии амалигардонӣ ва арзёбии натиҷаҳои ба даст омада ба туфайли амалӣ гардонидани таъсироти идоракунӣ тақсим кардан зарур аст (расми 1).

Ба меъёрҳои асосии арзёбии самарабахшии амалигардонии сиёсати минтақавӣ мансубанд:

1) динамикаи нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа дар давраи амалигардонии сиёсати минтақавӣ аз рӯи ҳуҷҷатҳои татбиқи он;

2) тағйир додани сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа дар муқоиса бо ҳолати онҳо то ва пас аз ҷорӣ намудани тадбирҳо ва олатҳои сиёсати минтақавӣ;

3) дараҷаи ба даст овардани меъёрҳои асосии амалигардонии мақсадҳои стратегӣ ва оперативии рушди минтақавӣ дар давраи татбиқи сиёсати минтақавӣ, ки қиматҳои мақсадноки онҳо дар ҳуҷҷати муайяни стратегӣ (нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии стратегияи минтақавии рушд) пешбинӣ шудаанд;

4) дараҷаи иҷрои тадбирҳои дар нақша пешбинишуда ва мувофиыати он бо стратегияи рушди минтақавии амалкунанда;

5) таъмини дастгирии меъёрии ҳуқуқӣ, техникӣ, молиявӣ ва иттилоотӣ-таҳлилии амалигардонии тадбирҳои рушди минтақавӣ дар найли мақсадҳои стратегӣ.

Арзёбии самарабахшии амалигардонии сиёсати иқтисодии минтақавӣ аз рӯи ду меъёр гузаронида мешавад: аввалан, арзёбии идоракунии СМРИ ва, сониян, арзёбии натиҷабахшии СМРИ (расми 1).

***Расми 1***

***Арзёбии самарабахшии амалигардонии сиёсати иқтисодии минтақавӣ***




Мониторинг ва арзёбии самарабахшии амалигардонии самтҳои афзалиятноки сиёсати минтақавии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз рӯи нишондиҳандаҳое иҷро кардан ба мақсад мувофиқ аст, ки ҳам натиҷаҳои умумии рушди иқтисодиёти минтақа ва соҳаҳои алоҳида ва ҳам тағйирёбии вазъи молиявии он, рушди инфрасохтор, вазъи демографӣ, сатҳи ҳаёт ва даромади аҳолиро инъикос мекунанд.

Гурӯҳи мазкур нишондиҳандаҳои зеринро дар бар мегирад:

1) маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ (умуман ва ба сари ҳар инсон, индекси ҳаҷми физикии он);

2) миқдори корхонаҳо-субъектҳои хоҷагидорӣ ва ашхоси воқеӣ, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд;

3) мавҷудияти воситаҳои асосӣ ва сатҳи фарсудашавии онҳо;

4) ҳаҷму индексҳои маҳсулоти саноатӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ;

5) индекси корҳои сохтмонии иҷрошуда;

6) индекси гардиши савдои чаканаи мол;

7) ҳаҷми истеъмоли захираҳои сӯзишворӣ-энергетикӣ;

8) шумораи аҳолии шаҳру деҳоти минтақа ва ҳудудҳои маъмурии он дар охири сол;

9) коэффисиенти таваллуд, фавт ва афзоиши табиӣ;

10) индекс ва ҳаҷми музди меҳнати номиналӣ ва воқеии кормандони соҳаҳои истеҳсолӣ ва риштаҳои иҷтимоӣ дар минтақа.

Амалӣ гардонидани мониторинг таҳлилро аз рӯи ҳамаи нишондиҳандаҳои мазкур ва мушаххасоти ҳар яки онҳоро бо хулосаю тавсияҳо тақозо мекунад.

## *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Проворова А. А., Губина О. В., Смиренникова Е. В., Кармакулова А. В., Воронина Л. В. Методический инструментарий оценки эффективности реализации государственной социально-экономической политики развития регионов России / А.А. Проворова, О. В. Губина и др. // Экономические и социальные перемены: факты, тенденции, прогноз. - 2015. - № 3(39). - С. 56-70.*
2. *International framework: good governance in the public sector. Retrieved from: http://www.cipfa.org/~/media/files/publications/standards/ifac/internationalframeworkgoodgovernanceinthepublicsectorifa ccipfa2.pdf*
3. *Егоров К. Ю. Оценка эффективности реализации стратегии социально-экономического развития региона / К.Ю. Егоров // Вестник Самарского государственного экономического университета. - 2010. - № 10(72). - С. 10-16.*
4. *Баранова С.В., Лидинфа Е.П., Панин А.В., Фучжун Хуан. Оценочные критерии эффективности реализации социально-экономической политики регионов / С.В. Баранова, Е.П. Лидинфа и др. // ЭТАП: экономическая теория, анализ, практика. - 2020. - № 3. - С. 67-77.*
5. *Дорофеев А.Ф., Чунихин А.С. Критерии эффективности региональной экономической политики / А.Ф. Дорофеев, А.С. Чунихин // Инновации в АПК: проблемы и перспективы. - 2019. - № 1 (21). - С. 116-121.*


## *REFERENCES:*


1. *Provorova A.A., Gubina O.V., Smirennikova E.V., Karmakulova A.V., Voronina L.V. Methodological Tools for Assessing the Effectiveness of State Socio-Economic Policy Implementation for the Development of Regions of Russia // Economic and Social Changes: facts, trends, forecast. 2015. No. 3(39). PP. 56-70.*
2. *International Framework: good governance in the public sector. Retrieved from: http://www.cipfa.org/~/media/files/publications/standards/ifac/internationalframeworkgoodgovernanceinthepublicsectorifa ccipfa2.pdf*
3. *Egorov K.U. Assessing the Effectiveness of Implementing the Strategy for Socio-Economic Development of the Region // Bulletin of Samara State Economic University. 2010. No. 10(72). PP. 10-16.*
4. *Baranova S.V., Lidinfa E.P., Panin A.V., Fuzhong Huang. Evaluation Criteria for the Effectiveness of Socio-Economic Policy Implementation of the Regions // STAGE: economic theory, analysis, practice. 2020. No. 3. PP. 67-77.*
5. *Dorofeev A.F., Chunikhin A.S. Criteria for the Effectiveness of Regional Economic Policy // Innovations in the agro-industrial complex: problems and prospects. 2019. No. 1 (21). PP. 116-121.*